Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «  30  »  июни  соли 2007
№  348  тасдиқ карда шудааст.

# Н И З О М Н О М А И
## намунавии муассисаҳои ҳои таҳсилоти иловагии Ҷумҳурии Тоҷикистон

### I. Қоидаҳои умумӣ

1. Таҳсилоти иловагӣ қисми таркибии соҳаи маориф буда, ба рушди қобилияту истеъдоди кӯдакон, наврасон ва ҷавонон, қонеъ гардонидани майлу рағбат ва талаботи маънавии онҳо нигаронида шудааст. Таҳсилоти иловагӣ ба принсипҳои интихоби озоди навъи муассисаҳои таҳсилоти иловаги ва таҳсилот, майлу хоҳиши хонандагон, донишҷӯён асос ёфта, бе маҳдудият барои тамоми шаҳрвандон пешниҳод мегардад. Таҳсилоти мазкур мутобиқи моддаҳои 8 ва 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ба роҳ монда мешавад.

2. Таҳсилоти иловагии кӯдакон, наврасону ҷавонон бо дар назардошти майлу рағбати онҳо дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва касбии муқаррарӣ ё дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ (қасрҳо, стансияҳо, клубҳо, марказҳои эҷодии кӯдакону наврасон, мактабҳои варзишии кӯдакону наврасон, мактабҳои ҳунарӣ, бадеӣ, мусиқӣ ва рассомӣ, курсҳои дӯзандагӣ, наққошӣ, ронандагӣ, муассисаҳои солимгардонӣ, академияи хурди илмҳо ва дигар муассисаҳо) берун аз барномаҳои асосии таълимӣ амалӣ мегардад.

3. Муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ фаъолияти худро мутобиқи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Низомномаи мазкур, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намудааст, амалӣ менамоянд.

4. Таҳсилоти иловагӣ маълумоти ибтидоӣ, умумии асосӣ ва миёнаи умумии хонандагонро пурра мегардонад ва барои интихоби касб замина мегузорад.

5.Таҳсилоти иловагӣ дар ҳамкори бо муассисаҳои таълимию тарбиявӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва коллективҳои эҷодӣ дар асоси принсипҳои ихтиёри будани интихоби ин муассисаҳо ва намуди фаъолияти онҳо бо дар назардошти майлу рағбат дар асоси талаботи тарафайн гузаронида мешавад.

6. Муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо мақсади амали намудани ҳуқуқҳои шаҳрвандон ба таълим (сарфи назар аз миллат, наҷот, ҷинсият, забон, эътиқоди динӣ, вазъи иҷтимоию хусусияти касбу кор) дар фаъолияти худ вазифаҳои асосии зеринро ҳал менамоянд:

- муҳайё намудани шароити мусоид барои аз ҷиҳати маънавӣ, ахлоқӣ, ва ҷисмонӣ инкишоф ёфтани шахсият, тарбия намудани қобилияту истеъдод, ташаккули ақоиди ҷаҳонбинона тарбияи сулҳдустӣ, садоқат, инсондустӣ, ватанпарварӣ;
- ташаккул додани қобилияти эҷодӣ ва омодагии тамоюли касбии кӯдакону наврасон ва ҷавонон;
- фароҳам овардани шароит ба ҳифзи саломатӣ ва инкишофи ҷисмонии хонандагону донишҷӯён;
- таъмин намудани ҳамоҳангии ташкилоту муассисаҳо, вазорату кумитаҳо, мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, идоракунии маориф ва шахсони ҳуқуқию воқеӣ баҳри рушду нумӯи муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ;
- сафарбар намудани воситаҳои ахбори омма барои тарғиби амали намудани мақсаду вазифаҳои асосии таҳсилоти иловагӣ;
- роҳ надодан ба таъсис ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, экстремистӣ, ҳаракатҳои ҷамъиятӣ ва динӣ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ.

7. Бо мақсади муқаррар намудани мазмун, дараҷа, дониши хонандагон ва сифати тайёр кардани мутахассисон мутобиқи стандарти давлатии таҳсилот дар ҳар 5 сол тибқи Низомномаи муқарраршуда аттестатсияи давлатии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ гузаронида мешавад.

Бо дарназардошти натиҷаи аттестатсияи давлатӣ ва ба мақсади муқаррар намудани мақоми муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ҳар 5 сол тибқи Низомномаи муқарраршуда аккредитатсияи давлатии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ гузаронида мешавад.

## II. Фаъолияти ташкилӣ ва сохторӣ

8. Муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тохикистон таъсис аз нав ташкил ва барҳам дода мешавад.

9. Машuулияҳои муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ дар асоси накшаю барномаҳо ва воситаҳои таълимию тарбиявӣ бо истифодаи шакл ва услҳои пешқадам аз ҷониби омӯзгорон (роҳбарони маҳфилҳо) ташкил карда мешаванд.

10. Шумора ва давомнокии машғулиятҳои ҳаррӯза дар ҷадвали машғулияҳо, ки дар асоси нақшаҳои таълимӣ ва Оинномаи муассиса мураттаб шудаанд, аз ҷониби директор тасдиқ карда мешавад.

Давомнокии машғулиятҳо дар маҳфилҳо (ба истисноии маҳфилҳои яккахонию мусиқӣ) 2 ё 3 соати академӣ бо танаффуси 5-10 дақиқагӣ баъди ҳар 45 дақиқа муқаррар карда мешавад.

Шумораи таълимгирандагон дар маҳфилҳои муассисаҳои таҳсилоти иловагии давлатӣ ба таври зерин муқаррар карда мешавад.

Аз 10 то 12 нафар дар маҳфилҳои соли якуми омӯзиши равияи техникӣ ва амалӣ;

Аз 8 то 10 нафар дар маҳфилҳои равияи техникӣ ва амалии соли дуюм ва солҳои минбаъдаи таҳсил;
Аз 10 то 12 нафар дар маҳфилҳои амалию эҷодӣ дар соли аввали таҳсил;
Аз 8 то 10 нафар дар мафилҳои амалию эҷодии соли дуюм ва солҳои минбаъдаи таҳсил;
Аз 10 то 12 нафар дар маҳфилҳои соли аввали омӯзиши равияи сайёҳию кишваршиносӣ;
Аз 8 то 10 нафар дар маҳфилҳои соли дуюм ва солҳои минбаъдаи равияи сайёҳию кишваршиносӣ;
Аз 10 то 12 нафар дар маҳфилҳои соли аввали омӯзиши равияи табиатшиносӣ;
Аз 8 то 10 нафар дар маҳфилҳои омӯзиши равияи табиатшиносии соли дуюм ва солҳои минбаъдаи таҳсил;
Аз 10 то 12 нафар дар маҳфилҳои равияи варзишӣ дар соли аввали тахсил;
Аз 8 то 10 нафар дар маҳфилхои равияи варзишӣ дар соли дуюм ва солҳои минбаъдаи таҳсил;
- на камтар аз 12 нафар дар тамоми солҳои омӯзиши маҳфилҳои оркестрӣ, асбобҳои зарби ва миллюй ва хонишҳои бадей, маҳфилҳои балет, драмавӣ;
- 1 нафар дар як соати академи дар маҳфилҳои яккахонӣ ва мусиқӣ, 3 нафар дар як соати академии маҳфилҳои асбобҳои халқӣ ва на камтар аз 8 нафар дар машғулиятҳои ҷудогонаю гурӯҳӣ.

11. Дар кори маҳфилҳо ҳамроҳи таълимгирандагон волидайни онҳо (ба ҳайати асоси дохил нашуда) дар ҳолати мавҷуд будани шароит ва ризоияти роҳбари маҳфил иштирок карда метавонанд.

12. Соли хониш дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ аз 15 сентябр оғоз меёбад. Муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ метавонанд бо таълимгирандагон дар давоми соли тақвимӣ низ кор баранд.

Дар вақти таътил муассисаҳои таҳсилоти иловаи мутобиқи тартиботи муқарраршуда метавонанд дар заминаи худ, инчунин ҷои истиқомат аз ҷумлаи ҳайати таълимгирандагони доимӣ ва ё дигаршаванда истироҳатгоҳҳои беруназшаҳрӣ ва ё майдончаҳои солимгардонию маҳфилҳои гуногун ташкил диданд, истироҳтгоҳу базаҳои сайёҳӣ кушоянд.

13. Муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ метавонанд дар муассисаҳои таълимии дигар, дар корхона ва ташкилотҳо бо ризоияти онҳо, инчунин дар ҷои истиқоматии таълимгирандагон маҳфилҳо созмон диданд.

Таъминоти моддию техникии ин маҳфилҳо ва назорат ба кори онхо аз тарафи муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ, корхонаю муассиса ва ташкилоте, ки маҳфил дар назди он ташкил шудааст, сурат мегирад.

14. Муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ дар сурати мавхуд будани иҷозатнома мувофиқи шартнома ё ки якҷоя бо корхона, муассисаҳо, ташкилотҳо метавонанд тайёрии касбии таълимгирандагонро пулакӣ

гузаронанд. Ба таълимгирандагоне, ки имтиҳонҳои касбиро супурдаанд ё аз санҷишҳои тахассусӣ гузаштаанд, шаҳодатномаи (гувоҳномаи) ихтисос аз рӯи касб (разряд, дараҷа, категория) дода мешавад.

Ба хатмкунандагони боистеъдоди маҳфилҳо, ки беш аз 5-сол дар машғулиятҳо бомуваффақият иштирок кардаанд, мувофиқи тамоюлашон барои ба мактабҳои олӣ ва миёнаи касбӣ дохил шудан тавсияномаҳо дода мешаванд.

15. Муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ метавонанд бо корхона, муассиса ва ташкилот ҳамкорӣ карда, дар заминаи худ ва ё дар заминаи онҳо лабораторияҳои таҷрибавӣ, санҷишӣ, илмиву тадқиқотӣ, иттиҳодияҳои илмии хонандагонро ташкил намуда, шаклҳои навтарини корро ҷустуҷӯ менамоянд, ташаббусу фаъолияти аҳамияти иҷтимоидоштаро дастгирӣ мекунанд.

16. Муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо ризоияти мақомоти идораи маориф метавонанд таҷрибаомӯзии истеҳсолии таълимгирандагонро дар муассисаҳои мазкур гузаронанд, инчунин мувофиқи тартиботи муқарраршуда супориши корхона ва муассисаю ташкилотро барои тайёр кардани маснуоти ба хоҷагии халқ зарур иҷро менамоянд.

17. Муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ чорабинҳои оммави ташкил намуда мегузаронанд ва барои меҳнат, истироҳат, муоширати таълимгирандагон ва волидайнашон шароити зарурӣ фароҳам меоваранд.

18. Муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ мувофиқи шартномаи тарафайн ба дигар ташкилоту ҳаракатҳои кӯдакон, наврасону ҷавонон, иттиҳодия ва муассисаҳои таълимӣ ёрии методи расонида, ба такмили ҷараёни таълим, барномаҳо, мазмун, шаклу усулҳои фаъолияти онҳо, баланд бардоштани маҳорати педагогӣ, гузаронидани чорабинҳои оммавӣ мусоидат менамоянд.

19. Муассисахои таҳсилоти иловагии ҷумхуриявиӣ вилоятӣ ва шаҳрию ноҳиявӣ таҷрибаи пешқадами кори муассисаҳои тахсилоти иловагӣ, методистҳо, роҳбарони маҳфилҳоро омӯхта ҷамъбаст менамоянд, маводхои методиро тарбия ва паҳн мекунанд.

Муассисаи ҷумҳуриявии таҳсилоти иловагӣ кори муассисаҳои таҳсилотӣ иловагии вилоят ва шаҳру ноҳияҳоро ҳамоҳанг месозад ва назорат мебарад.

## III. Идоракунии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ

20. Муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» Низомнома ва Оинномаи муассисаи номбурда дар асоси яккасардорӣ ва коллегиалиӣ идора карда мешаванд.

21. Роҳбарии умумии муассисаҳои таҳсилоти иловагиро мақомоти интихобии он-шӯрои муассисаи номбурда ба амал мебарорад. Тартиби

интихоби аъзоёни шӯроро Оинномаи он муайян мекунад. Фаъолияти шӯрои муассисаи таҳсилоти иловагӣ мувофиқи Оинномаи он ба амал баровардa мешавад.

Тибқи моддаи 15-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва Низомномаи мазкур муассисаи таҳсилоти иловагӣ Оинномаи муассисаро таҳия намуда, муассис онро тасдиқ менамояд ва дар сурати зарурӣ ба он тағйироту иловаҳо ворид месозад.

22. Бо мақсади рушду такмили ҷараёни таълиму тарбия, баланд бардоштани маҳорати касбӣ ва сатҳи эҷодии омӯзгорон дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ шӯрои омӯзгорӣ таъсис дода мешавад.

Шӯрои омӯзгорӣ фаъолияти таълиму тарбияи мусассисаро назорат мекунад, масъалаҳои марбут ба вазъи молиявию моддии муассисаро муҳокима менамояд ва дурнамои фаъолияти асосии таълимӣ- тарбиявӣ ва молиявиву хоҷагиро муайян месозад.

Раиси шӯро директори муассисаи таҳсилоти иловагӣ мебошад.

23. Шӯрои омӯзгорӣ ҷаласаҳои худро дар се моҳ як маротиба ва ҳангоми зарурат маҷлисҳои ғайринавбатӣ мегузаронад. Қарори шӯрои омӯзгорӣ ҳамон вақт салоҳият пайдо мекунад, ки агар дар ҷаласа аз се ду ҳиссаи аъзоёни он иштирок дошта, ба тарафдории он аз се ду ҳиссаи аъзоёни иштирок дошта овоз диҳанд.

24. Роҳбарии бевоситаи ҷараёни таълиму тарбия ва фаъолияти ҳамарӯзаи муассисаи таҳсилоти иловагиро директор ба амал мебарорад.

25. Директори муассиса аз тарафи муассис мувофиқи тартиботи муқарраршуда ба кор таъин ва аз кор озод карда мешавад. Директори муассиса аз ҳисоби кормандони (омӯзгорони) ботаҷрибаи муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ таъин карда мешавад, ки дорои қобилияти ташкилотчигӣ буда, соҳиби маълумоти олӣ ва дорои собиқаи кории омӯзгории на кам аз 5 сол дошта бошад.

Директор дар якҷояги бо шӯрои омӯзгорӣ барои рушду такмили муассисаи таҳсилоти иловагӣ, масъалаҳои зерини таълиму тарбияро ҳал менамояд:

- муассисаро бо омӯзгорону дигар кадрҳо таъмин намуда интихоб ва ҷобаҷогузори онҳоро назорат мекунад, барои беҳтар намудани шароити моддиву маишии толибилмон ва кормандон тадбирҳо меандешанд, кормандонро ба мукофоту инъомҳо пешниҳод менамояд;
- ҷараёни таълимро ба нақша гирифта, назорат мебарад, рафти иҷрои барномахои таълимӣ ва гузаронидани чорабиниҳои оммавӣ таъмин месозад;
- манфиатҳои муассисаро намояндагӣ мекунад, фармонҳо мебарорад, қарордодҳои меҳнатӣ ба имзо мерасонад, ки иҷроиши онҳо барои ҳамаи кормандону толибилмон ҳатмӣ мебошад;
- барои харҷу дахли муассиса масъул буда, сарфакорона истифода бурдани маблағҳои аз буҷет ҷудокардашуда ва дигар манбаъҳо воридшударо назорат мебарад;
- мувофиқи тартиби муқарраргардида кормандонро ба кор таъин ва аз кор озод менамояд;

- мувофиқи Низомномаи мазкур ва Оинномаи муассиса доираи вазифаҳои хизматии кормандонро муайян менамояд.

26. Директори муассиса барои ташкил ва сифати таҳсилоти иловагӣ, ҳифзи саломатӣ ва инкишофи ҷисмонии таълимгирандагон дар ҷараёни таълим, риояи меъёрҳои ҳифзи меҳнат ва бехатарии техникӣ масъул аст.

27. Барои такмил додани таъмини методии раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ шӯрои методи таъсис дода мешавад. Тартибу банагшагирии кори шӯрои методиро Оинномаи муассиса ва худи шӯро муайян менамояд. Шӯрои методи дар фаъолияти худ вазифаҳои зеринро иҷро менамояд:

- дар маҷлисҳои худ масъалаҳо оид ба барномаҳои таълимӣ, ва нақшаҳои таълимӣ барномаи семинарҳо, маводи методиро , шаклу усулҳои пешқадами корҳои таълимӣ, тарбия ва роҳҳои татбиқи онро муҳокима ва дида мебарояд;
- таҷрибаи пешқадами омӯзгорон ва дигар кормандони муассисаҳои таҳсилоти иловагиро меомӯзад ҷамъбаст ва паҳн менамояд;
- масъалаҳои ороиш ва таҷҳизонии гушаҳои методиро ҳаллу фасл менамояд.

## IV. Хуқуқ ва ӯҳдадориҳои таълимгирандагон, омӯзгорон ва дигар кормандони муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ

28. Таълимгирандагони муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ҳуқуқ доранд:

- мувофиқи майлу рағбат маҳфилҳоро озодона интихоб намоянд;
- дар якчанд маҳфил ширкат варзад ва ё онҳоро иваз намояд;
- фикри худро доир ба машиулиятҳо ва чорабиниҳои тарбиявии муассиса баён карда, таклифҳо пешниҳод намоянд;
- аз тамоми имкониятҳои моддию техникии муассисаи таҳсилоти иловагӣ истифода баранд;
- Аз амали ғайриқонунии маъмурият, омӯзгорон ва дигар кормандон, мувофиқи қонун манфиатҳои худро ҳимоя намоянд.

29. Таълимгирандагон ӯҳдадоранд:

- дастовардҳои илм, фарханг, таърих, анъанаҳои миллӣ ваҷаҳониро омӯзанд аз худ карда тавонанд;
- бо донишу малакаи худ ба ҷомеа фоида расонанд;
- нисбати ашёҳои таълимӣ ва таҷҳизоти техникии муассиса эҳтиёткорона муносибат намоянд;
- қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва тозагиро риоя намоянд;
- дар озмунҳо, мусобиқаҳо, саёҳатҳо ва дигар чорабиниҳои оммавӣ фаъолона ширкат варзанд.

30. Омӯзгорон ва дигар кормандони муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ҳуқуқҳои зайл доранд:

- ҳимояи шараф ва шаъну эътибори касбӣ;

- такмили ихтисос аз рӯи тартиби муқарраршуда, ташаббуси омӯзгорӣ ва густариши таҷрибаи пешқадами худ;
- гирифтани ҳавасмандгардонии моддӣ мувофиқи қонунгузориҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ба ҳавасмандгардонии маънавӣ барои комёбиҳо дар фаъолияти омӯзгорӣ ва тарбияи насли наврас;
Омӯзгории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рухсатии дарозмуддати мехнатии пардохтшаванда ҳуқуқ доранд.
. Аз иҷрои вазифаи касбӣ бе асосҳои муайяннамудаи қонун дур кардани кормандони соҳаи омӯзгории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ манъ аст.

31. Омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ӯҳдадоранд:
- таълимгирандагонро ба интихоб бошууронаи касб омода созанд;
- ба рушду такмили қобилияти хонандагон мусоидат намуда, онҳоро дар рӯҳияи эҳтиром доштан нисбати падару модар, ҳамсолон, насли калонсол, арзишҳои фарҳангию миллӣ, таърихӣ ва рамзҳои давлатии Тоҷикистон тарбия кунанд;

- одобу ахлоқи омӯзгориро риоя намоянд, ҳуқуқ ва қадру эътибори таълимгирандагонро эҳтиром кунанд;
- таълимгирандагонро аз аъмоли зӯроварии ҷисмонию рӯҳӣ ҳимоя намоянд, дар бобати пешгирии истеъмоли машрубот ва моддаҳои нашъаовар кор баранд;
- сатҳи маърифатии худро такмил дода, ба дараҷаи баланди фаъолияти касбӣ ноил шаванд.

## V. Фаъолияти молиявию хоҷагӣ ва заминаи моддиву техники

32. Манбаи маблағгузории тамоми фаъолияти таълимию истҳсолӣ, илмӣ ва хоҷагӣ, инкишофи иҷтимоию иқтисодии муассисаи таҳсилоти иловагиро маблағҳои буҷетӣ аз ҷумла маблағхои худи муассисон ва дигар сарчашмахо ташкил медиҳанд.

33. Маблағҳои аз манбаъҳои гуногун дохилшуда бо маблағҳои аз буҷети давлатӣ барои нигоҳдории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ҷудогардида дар якҷояги маблағҳои молиявии онро ташкил медиҳанд.

34. Ба кормандони муассисҳои давлатии таҳсилоти иловагӣ музди меҳнат ва дигар имтиёзҳои иҷтимоӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

35. Меъёри сарбории роҳбарони маҳфилҳо баробари 16 соат дар як ҳафта буда, дар якчанд гурӯҳ амалӣ гардонида мешавад.

36. Манбаъҳои иловагии маблағгузории муассисаи таҳсилоти иловагӣ инҳо мебошанд:
- иҷрои кору хизматрасонии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ;
- воридот аз иҷрои корҳо ва хизматрасониҳое, ки хусусияти илмию методӣ доранд;

- омодасозӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзии пулакии кадрҳо дар муассисаҳои давлати таҳсилоти иловагӣ дар асоси шартнома ба роҳ монда мешавад;
- фаъолияти тиҷоратию истеҳсолӣ дар раванди таълим ва дигар намудҳои фаъолият, ки қонунгузории ҷумҳурӣ манъ накардааст ва агар онҳо бар зарари фаъолияти асосии муассисаи таҳсилоти иловагӣ набошанд;
- пардохтҳои ихтиёрии хайриявӣ ва дигар маблағҳое, ки аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ворид мешаванд.

37. Корҳои иловагӣ (хизмати пулакӣ) дар муассисаҳои давлатии тасилоти иловагӣ он кору хизматҳое ҳисоб мешаванд, ки берун аз фаъолияти асосии муассисаи таҳсилоти иловагӣ буда, бар зарари он нестанд.

Корҳои шартномавӣ (хизмати пулакӣ) дар муассисаҳои давлатии таҳсилоти иловагӣ мутобиқи тамоюли муассисаи таҳсилоти иловагӣ ба ҷо оварда мешаванд. Хизматҳои пулакӣ набояд корҳои асосии нисбати таълиму тарбияи кӯдакон, наврасон ва ҷавонон ба ҷо овардашавандаро, ки аз ҳисоби буҷети давлати маблағгузорӣ карда мешаванд, иваз кунанд. Агар нишондиҳандаҳои фаъолияти асоси (иҷрои барномаю нақшаҳои машғулиятҳо бо таълимгирандагон, фарогири ва сифати кор бо онҳо, интизоми меҳнат) паст шавад, ба ҷо овардани хизмати пулакӣ манъ аст.

Иҷрои корҳои шартномавӣ (хизмати пулакӣ) дар муассисаҳои давлатии таҳсилоти иловагӣ мувофиқи тарифу нархномаҳои муқарраргардида ва дар мавриди набудани ин гуна тарифу нархномаҳо, мувофиқи нархнома ва тарифи шартномавӣ ба амал бароварда мешавад.

38. Тартиботи ҳисобдорӣ ва омориро дар муассисаи таҳсилоти иловагӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

Муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ҳисобу китобро метавонанд мустақилона якҷоя бо дигар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ, муассисаҳои таълимӣ, ташкилотҳо, корхонаҳо инчунин бо ҳисобдории муттамарказонидашуда дар мӯҳлат ва тартиботи муқаррагашта ҳисоботро ба ташкилотҳои дахлдор пешниҳод намоянд.

39. Ба заминаи моддию техникии муассисаи таҳсилоти иловагӣ биноҳо, иншоот, коммуникатсия, таҷҳизот, воситаҳои нақлиёт ва дигар амволе, ки таҳти идораи муассиса мебошанд, дохил мешаванд.

Заминаи моддию техникии муассисаи таҳсилоти иловагӣ дар асоси принсипи афзалиятнокӣ ва мутобиқи меъёрҳои муқарраргардида рушд меёбад.

Заминаи моддию техникӣ (биноҳо, иншоот ва амволи муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ) бо мақсадҳои хилофи вазифаҳои асосии онҳо, раванди таълиму тарбия ва фаъолияте, ки Оинномаи онҳо пешбинӣ накардааст, истифода бурдан манъ аст.

40. Кормандон, таълимгирандагон ва падару модарони онҳо (шахсоне, ки онҳоро иваз мекунанд) дар сурати зарар расонидан ба

бино, иншоот, таҷҳизот ва дигар асбобу анҷоми муассисаи таҳсилоти иловагӣ ба ҷавобгарии моддӣ кашида мешаванд.

Ҷавобгарии шахсони мансабдор барои вайрон кардани талаботи муҳофизати меҳнат, техникаи бехатарӣ, тандурустии таълимгирандагон ва кормандони муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

## VI. Ҳамкории байналмилалӣ

41. Ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ мутобиқи Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардонида мешавад.